**СУРАТМАҶЛИСИ №6**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

**04 апрели соли 2025** **ш.Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 16 нафар иштирок доранд. Шурои диссертатсионӣ салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

**1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос кард.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Шоназар (раис), доктори илмҳои фалсафа Фаттоҳзода Саидмурод Самад (аъзо) ва доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович (аъзо).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
-доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Шоназар;
- доктори илмҳои фалсафа Фаттоҳзода Саидмурод Самад;
- доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _______________ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _______________ Сангинов Н.Н.